БАРОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ, СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ, РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 13, (313),
11 июли соли 2018

►E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН




## НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2018 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ДУЮМ

***Тавре дар шумораи гузаштаи нашрияи "Ҳамрози халқ" хабар дода будем, санаи 27.06.2018 маҷлиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон баргузор гардида, дар рафти он оид ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар нимсолаи аввали соли 2018 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюм гузориш дода шуд. Матни пурраи гузоришро аз саҳифаҳои минбаъдаи ҳамин шумора пайдо хоҳед кард.***



ҲИЗБИЁН ДАР ИҶРОИ НАҚШАИ ОБУНА-2019 МАСЪУЛИЯТИ БАЛАНД ДОРАНД 4



БЕҲТАРИН РОҲИ ПЕШГИРӢ АЗ ХУРОФОТУ ТААССУБ ИН РӮ ОВАРДАН БА ФАРҲАНГИ МИЛЛИСТ 5



ХИЗМАТ БА МАРДУМ ШАРАФИ БУЗУРГ АСТ! 6



ОИНИ ШАҲРНИШИНӢ ВА ТАРБИЯИ ЗАВҚИ ЗЕБОИПАРАСТИИ СОКИНОН ОМИЛИ РУШДУ ОБОДИСТ! 7



ОЗМУН БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАҲОИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН 8

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2018 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ДУЮМ



**Абдулло РАҲМОНЗОДА, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон**

***Муҳтарам аъзои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Ҳозирини гиромӣ,***

Сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон фаъолияти худро дар асоси Оинннома, Барнома, қарорҳои Анҷумани XII ҳизб ва маҷлисҳои Раёсату Кумитаи Иҷроияи Марказӣ, инчунин дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, дар нимсолаи аввали соли 2018 корҳои муайянеро ба анҷом расониданд.

Баъди баргузории маҷлиси васеи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб, ки санаи 16-уми феврали соли 2018 баргузор гардид, санаи 16 марти соли 2018 маҷлиси васеъи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон бо иштироки узви Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Гулмаҳмадзода Давлатшоҳ Қурбоналӣ, раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят, аъзои Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб, раисон ва кормандони масъули кумитаҳои иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон баргузор гардид. Дар ин маҷлис ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баён гардидаанд, қарор ва нақшаи чорабиниҳо қабул ва ба шаҳру ноҳияҳои вилоят барои иҷро дастрас шуданд, ки иҷроиши онҳо зери назорати қатъӣ қарор доранд.

Дар ин давра Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон бо мақсади мукаммал сохтан ва ба низом даровардани фаъолияти идеологии сохторҳои ҳизбӣ дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бори аввал самтҳои асосии фаъолияти ҳизбиро нафақат бо назардошти вазъи маҳал ва афкори ҷомеа, балки бо назардошти мавқеъ ва ҷойгоҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон коркард ва таҳия намуд.

Барои шарҳу тавзеҳи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон китоберо таҳти унвони "Каъбаи умеди мо халқ асту бас!" ба нашр расонид, ки дар он вазифаҳои сохторҳои ҳизбӣ дар самти сафарбар намудани қувваи халқ ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ муфассал дарҷ шудаанд ва ба унвонии ҳамаи кумитаҳои иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардиданд, ки кормандони масъули ҳизбӣ ҳангоми суҳбату вохӯриҳо бо сокинони деҳот аз он истифодаи босамар бурданд.

Дар ин радиф, бо мақсади ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои дар боло зикршуда ва мутобиқ ба механизми муайяншудаи Соли тақвияти робита бо маҳал дар давоми нимсолаи аввали соли 2018 дар ҳамаи қариб 2000 деҳаву маҳаллаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон вохӯриву суҳбатҳо баргузор гардида, таъсиси ташкилотҳои ибтидоӣ ба нақша гирифта шуда буд, ки аксарият шаҳру ноҳияҳои вилоят аз иҷрои ин нақша пурра баромаданд. Бояд гуфт, ки чунин тадбир дар вилоят барои аввалин бор ба таври саросарӣ роҳандозӣ гардида, аз ҳама лиҳоз моро ба натиҷаҳои мусбат расонид. Дар пайи амалишавии тадбири мазкур дар давоми шаш моҳи соли равон 950 адад ташкилоти ибтидоии нав дар маҳал таъсис дода шуда, раисонашон аз ҳисоби фаъолони маҳал интихоб гардиданд.

Вале ҳангоми омӯзиши фаъолияти кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят маълум гардид, ки баъзе ташкилотҳои ибтидоии таъсисдодашуда то ҳол ҳуҷҷатгузорӣ карда нашудаанд, баъзеи дигарашон фаъолияти рамзӣ доранд, яъне расман ташкил кардаанду амалан ягон робитаи қавӣ бо мардум вуҷуд надорад. Ҳамзамон, баъзе раисон ягон ташаббус барои пешравии кор нишон намедиҳанд ва баъзе ташкилотҳои ибтидоие, ки солиёни зиёд таъсис ёфтаанд онҳо ғайр аз супоридани ҳаққи узвият кореро ба анҷом нарасонидаанд. Бо назардошти он ки асоси ҳизб ташкилоти ибтидоӣ буда, тадбиққунандаи ғояҳои ҳизб дар байни омма мебошанд, маҳз дар ин зина бояд корбариро тақвият бахшем.

Дар аксарият ташкилотҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши кормандони масъули кумитаи иҷроияи вилоятӣ қарор дода шуда, коргузорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ ғайриқаноатбахш ба роҳ монда шудааст.

Бинобар сабаби ноогоҳӣ раисони ташкилотҳои ибтидоӣ на нақшаи корӣ доранду ва на амалан фаъолият мекунанд. Аз сабаби ғайриқаноатбахш будани роҳбарӣ ва бо ташкилотҳои ибтидоӣ робитаи фаъоли корӣ надоштани кумитаҳои иҷроия корҳои таблиғотӣ ва сиёсӣ ба роҳ монда нашудаанд.

Дар бисёр ташкилотҳои ибтидоӣ талаботи Оинномаи ҲХДТ риоя карда нашуда, маҷлисҳо сари вақт гузаронида намешаванд. Чунин ҳолат аз он сабаб ба амал омадааст, ки кормандони Кумитаи иҷроия ва аъзои Раёсату кумитаи иҷроияи ноҳия ва шаҳр бо ташкилотҳо алоқаи зарурӣ надошта, ба онҳо ёрии амалӣ намерасонанд. Дастуру маводҳои айёнӣ ва намунаҳои аз ҷониби Кумитаи иҷроияи вилоятӣ ба ноҳия фиристодашуда дастраси ташкилотҳои ибтидоӣ гардонида намешаванд.

Қарорҳои маҷлисҳои Раёсат, Кумитаи иҷроияи Марказӣ ва вилоятии ҲХДТ на ҳама вақт дар маҷлисҳои Кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ ва шаҳрӣ мавриди муҳокима қарор гирифта мешаванд ва маводҳои он ба ташкилотҳои ибтидоӣ ирсол ва онҳо мавриди омӯзиш ва иҷро қарор дода мешаванд.

Дар ин бобат Кумитаҳои иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоятро лозим аст, ки принсипи ҳатмӣ будани иҷрои қарорҳои мақомоти болоӣ барои мақомоти поёниро риоя намуда, нисбати бартараф намудани норасогиҳои дар фаъолияташон ҷойдошта чораҳои мушаххас андешанд ва бо кормандони масъули ҳизбӣ дар мавзӯъҳои муносибат бо қарор, дастуру супоришҳои ташкилотҳои болоии ҳизбӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ дар дастгоҳи кумитаи иҷроияи ноҳиявӣ ва шаҳрӣ семинари омӯзишӣ ташкил намоянд.

Бояд гуфт, ки дар нимсолаи аввал, ҳолати ҳуҷҷатгузорӣ дар кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Раванди омӯзиш нишон дод, ки кори ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ тибқи талаботи Дастурамали коргузорӣ ба роҳ монда нашудаанд. Маҷлисҳо мувофиқи талабот баргузор намегарданд, ҳуҷҷатҳо дар парвандаҳои алоҳида ҷамъ оварда нашудаанд. Маълумотҳои оморӣ оиди қабул ба сафи ҳизб, бақайдгирӣ ва ҳаракати аъзои ҳизб ҳар моҳ аз ташкилотҳои ибтидоӣ ҷамъ карда нашуда, ҷамъбаст карда намешаванд. Дар кумитаҳои иҷроияи ҷузъгири ташкилотҳои ибтидоӣ вуҷуд надорад. Ҳамчунин дар Кумитаҳои иҷроия барои дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ, мусоидат ва сари вақт иҷро намудани қарору супоришҳои мақомотҳои болоӣ, ҳуҷҷатҳои хизматӣ ва назоратӣ таҳия нагардида, бе назорати қатъӣ монда мешаванд. Дар баъзе кумитаҳои иҷроия ҳатто тарзи дуруст тартиб додани протоколҳоро намедонанд.

Ҳозирини гиромӣ,

Дар марҳилаи нави фаъолияти ҳизбӣ, ки нимсолаи аввали соли 2018-ро дар бар мегирифт, базаи кадрӣ тақвият бахшида шуда, барои кормандон шароитҳои хубтар фароҳам оварда шуд. Дар Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои вилоят беш аз 100 нафар шаҳрвандон барои фаъолият дар сохторҳои ҳизбӣ иловатан ба кор ҷалб гардиданд, ки айни замон шумораи кормандони масъули ҳизбӣ дар ҳамаи сохторҳои ҳизбии ҳудуди вилоят қариб ба 200 нафар расид. Аммо бо ин вуҷуд дар баъзе кумитаҳои иҷроия ба дарки ин масъулият пурра нарасида, аз иҷрои вазифаҳои хизматиашон сарфи назар мекунанд. Дар рафти омӯзиш ба мушоҳида расид, ки дар баъзе кумитаҳои иҷроия кормандро ба кор қабул кардем, аммо вазифаҳои хизматиашро ба ӯ дуруст нафаҳмондаем. Ҳатто ҷадвали тақсимоти вазифаҳо байни кормандон вуҷуд надорад, ки ин ба интизоми корӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дигар масъалае, ки мо бояд ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунем, ин масъалаи пешниҳоди тақвими сохтмони биноҳои ҳизбист, ки ҳанӯз ҳам аз тарафи шаҳру ноҳияҳое, ки бинои ҳизбӣ надоранд, иҷро нашудааст. Хотиррасон бояд шуд, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои Раиси ҳизбамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ баён карда буданд бояд то охири соли 2019 дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ биноҳои маъмурӣ сохта ба истифода дода шаванд. Вобаста ба дастуру супоришҳои мазкур Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба унвони раисони шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Норак, Кушониён, М.С.А.Ҳамадонӣ, Балҷувон, Темурмалик, Ёвон, Шаҳритуз, Панҷ, Вахш, Муъминобод, Дӯстӣ, Балхӣ, Восеъ, Ховалинг ва Ш.Шоҳин бо замимаи қарори КИМ ҲХДТ мактуби дахлдор ирсол намуд. Кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои зикршударо лозим аст, ки ҷиҳати супориши мазкур ҷидди амал намоянд.

***Ҳозирини гиромӣ,***

Дар ин давра бо мақсади дар сатҳи баланди сиёсӣ таблиғу ташвиқ намудани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлиси васеи раёсати Кумитаи иҷроияи вилоятӣ бо иштироки ҳамаи кормандони кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои вилоят баргузор гардида, бо қарори маҷлиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон нақшаи чорабиниҳо таҳия ва ба раисони кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, ташкилотҳои ибтидоӣ ирсол гардид.

Инчунин, дар асоси дастури роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои корӣ оид ба шарҳу тавзеҳ ва баррасии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардид, ки ба ин гурӯҳҳо раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва ҳамаи раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, инчунин аъзои гурӯҳҳои таблиғотии ҳизбӣ ворид ва ҷиҳати шарҳу тавзеҳи Паём сафарбар карда шуданд. Қайд кардан лозим аст, ки бори аввал аст, ки гурӯҳҳо дар асоси нақшаи пешниҳоднамудаи ҳизб амал карданд.

Дар давраи ҳисоботӣ, ҷиҳати ширкати фаъолона дар маъракаҳои сиёсии интихоботҳои миёнадаврӣ чораҳои мушаххаси ташкиливу таблиғотӣ андешида шуданд. Дар натиҷаи муваффақона баргузор гардидани маъракаи пешазинтихоботӣ интихоботҳои миёнадаврӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб, Ёвон, Носири Хусрав, Темурмалик, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Восеъ бо пирӯзии номзадҳои пешбаринамудаи ҲХДТ ҷамъбаст гардиданд.

Андешидани чораҳои ташкилӣ имкон дод, ки дар ин марҳила сафи аъзои ҳизб низ зиёд, сохтори ташкилотҳои ҳизбӣ мустаҳкам ва ҳайати он беҳтар гардад. Аз рӯи натиҷаҳои ҷамъбасти панҷмоҳаи соли 2018 шумораи ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ба 2540 адад расид, ки 950 ададаш дар панҷмоҳи соли 2018 таъсис ёфтааст. Шумораи аъзои ҳизб то 1 июни соли 2018-ум ба 179967 нафар расид. Қабули аъзои ҲХДТ дар панҷ моҳи соли 2018-ум 936 нафарро ташкил менамояд.

Ҳайати сифатии аъзои ҳизб дар вилоят беҳтар гардида, дар ин радиф ба ҷалби занон ва ҷавонон аҳамияти хосса зоҳир гардиданд. Аз 179967 нафар аъзои ҳизб дар давраи ҳисоботӣ 79725 нафарро занон ташкил менамоянд, ки 44,2 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 1339 нафарашон дар панҷ моҳи соли 2018 ба сафи ҳизб қабул гардидаанд.

Бахшида ба 25- солагии таъсисёбии Кувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят таҳти унвони "Ҳимояи Ватан рисолати мо ҷавонон аст" чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ вохӯриву аёдати аскарону афсаронро дар қисмҳои низомӣ баргузор намуданд.

Зимни баргузории ин чорабиниҳо бо ҷалби бевоситаи кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба қисмҳои ҳарбӣ ба миқдори 29020 сомонӣ кӯмаки моддиву молиявӣ, маводҳои хурока расонида шуда, дастархони идона ороста ва аз ҷониби ҳунармандони шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо барномаҳои консертӣ нишон дода шуданд.

Масалан, аз тарафи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант ба қисми низомии 07017 (дивизия), ки дар ноҳияи Қушониён ҷойгир аст, як адад компютер ва маводҳои хӯрока кумак расонида шуд. Бахшида ба 25-солагии таъсисёбии Кувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи кумитаҳои иҷроия ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ 124 адад чорабиниҳои

***(Давомаш дар саҳ.3)***

*(Аввалаш дар саҳ.2)*

гуногуни ҳизбӣ баргузор гардида, дар онҳо 54485 нафар шаҳрвандон ширкати фаъолона доштанд.

Бахшида ба Рӯзи модар 8 март аз тарафи кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳо ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ 141 чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ доир карда шуда, ба 33 нафар модарон ифтихорномаву сипосномаҳо ва ба маблағи 21687 сомонӣ маводҳои хӯрока, тухфаҳои моливу пулӣ тақдим карда шуданд.

Бо мақсади дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани Наврӯзи байналмилалӣ аз тарафи кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳо, ташкилотҳои ибтидоӣ, шахсони хайрхоҳ ва ҷонибдорони ҲХДТ тӯйи домодиву арӯсӣ 1728 ҷуфт навхонадорон, 1303 нафар тӯйҳои хайриявии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат барпо карда шуданд. Ҳамчунин дар ин давра кӯмакҳои моддиву молиявӣ ба ятимону барҷомондагон ва шахсони яккаву танҳо расонида шуданд.

Дар доираи нақша-чорабиниҳо бахшида ба эълон гаштани соли 2018 ҳамчун "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" Аксияҳои ҳизбӣ тахти унвони "Мо созандагони Ватанем", "Ҷавонон пайрави Пешвои миллат", "Пешвои миллат ҳомӣ ва роҳнамои ҷавонон" дар шаҳру ноҳияҳои вилоят доир карда шуда, 724 адад чорабинии таблиғотӣ, сиёсиву фарҳангӣ баргузор карда шуд. Дар ин чорабиниҳои таблиғотӣ зиёда аз 98200 нафар шаҳрвандон ҷалб гардиданд. Инчунин 23 адад мизҳои мудаввар 99 адад чорабиниҳои варзишӣ гузаронида шуданд.

Дар ин давра шанбегиҳо 39 ададро ташкил дод, ки дар онҳо зиёда аз 6488 нафар шаҳрвандон ширкат варзиданд.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати иҷтимоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати расониданӣ дасти хайру сахо ба ятимону бепарасторон аз тарафи Кумитаи иҷроияи ҳизб дар вилояти Хатлон дар асоси муроҷиати Ҷамъиятҳои маъюбон, нобиноён ва шаҳрвандони алоҳида, аъзо ва ҷонибдорони ҳизб кӯмакҳои молиявӣ расонида шуд.

Ин иқдом аз тарафи аксарият кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ ба амал бароварда шуд.

Чунончӣ аз тарафи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш бо ширкати раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба 12 нафар маъюбон кӯмакҳои яквақтаинаи Кумитаи иҷроия тақдим карда шуд. Кӯмакҳо, аз қабили орд, равған, шакар ва дигар маводҳои ғизоӣ иборат буданд. Аз тарафи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар бошад ба 30 нафар маъюбони Ташкилоти ҷамъиятии эхё ва дастгирӣ кӯмакҳои яквақтаина расонида шуд.

Ё ин, ки дар ин давра дар арафаи иду ҷашнҳо кӯмакҳои хайриявӣ аз тарафи кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷайҳун, Н. Хусрав, Кубодиён ва Ховалинг бештар ба назар расид.

Дар ин давра ҳамаи маводҳои таблиғотии аз Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ воридгардида сари вақт ба ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ расонида шуданд.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар нимсолаи аввали соли 2018 ҷадвали ташкили чорабиниҳои сатҳи баланд дар шаҳру ноҳияҳои вилоятро тасдиқ намуда, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳо дар сатҳи баланди сиёсӣ вобаста ба мавзӯъҳои самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ бо иштироки васеъи аҳли ҷомеа баргузор карда шуданд ва ҷиҳати пахши онҳо дар васоити ахбори омма, хусусан шабакаҳои телевизионӣ чораҳои зарурӣ андешида шуд. Вобаста ба ин масъала дар шабакаҳои телевизионӣ ва дар сомонаву нашриҳои ҳизбиву давлатӣ чорабиниҳои баргузорнамудаи кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба таври назаррас инъикос гардиданд.

Ҳамзамон Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ҷадвали баргузории семинар-машваратҳои ҳизбӣ бо иштироки кормандони масъули кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар ҳудуди минтақаҳои Бохтар ва Кӯлобро тасдиқ намуд.

Дар асоси ҷадвали мазкур бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар шаҳри Норак ва дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ семинар-машварати ҳизбии вилоятӣ бо иштироки раисони кумитаҳои иҷроияи ҳизбии шаҳру навоҳии вилоят баргузор гардид. Мавзӯъи семинар Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" ба ҳисоб мерафт.

Ҳамзамон дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Левакант, Кӯлоб, Ёвон, Темурмалик ва Данғара семинарҳои минтақавӣ дар сатҳи баланди сиёсиву ташкилӣ баргузор гардиданд. Дар семинар -машваратҳои ҳизбӣ раис ва кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ширкат доштанд.



Бояд гуфт, ки қабул гардидани қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ин эътирофи миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонист.

Дар семинарҳои баргузоргардида қайд карда шуд, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббускори тамоми қатъномаҳои дар даҳсолаҳои охир қабулнамудаи Созмони миллали муттаҳид буда, то ин дам се пешниҳод дар ин самт қабул гардидааст. Аз ҷумла, «Соли байналмилалии оби тоза» эълон шудани соли 2003, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон шудани солҳои 2005-2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон шудани соли 2013 ва ахиран қабули қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028" дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки рӯзи 20 июн соли ҷорӣ Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ба кори худ оғоз кард.

Барои иштирок дар ин конфронс сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Покистон, Туркманистон, Афғонистон, беш аз 1500 коршинос аз зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон ва даҳҳо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Мавриди зикр аст, ки даҳсолаи нави байналмилалӣ оид ба ҳалли мушкилоти оби ошомидани ташаббус ва иқдоми чоруми созандаи ҷониби Тоҷикистон мебошад ва аз рӯйи он қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид бо ҷонибдории амиқи кулли кишварҳои аъзои ин созмони бонуфуз қабул шудааст.

Зимни суханрониҳои иштирокдорони воломақоми конфронс ташаббусҳои арзишманди Тоҷикистон, аз ҷумла пешниҳоди навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба эълони Даҳсолаи нави байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" мавриди пуштибонии амиқ қарор гирифт.

Дар давраи ҳисоботӣ ба сомонаи интернетии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон беш аз 2700 адад хабару гузоришҳо ва андешаҳои созанда ба нашр расиданд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Кушониён, Вахш, Фархор, Ҷайҳун, Ҷ. Балхӣ Хуросон ва Ёвон аз худ фаъолноки нишон дода ба ҳисоби миёна ҳар моҳ ба миқдори аз 20 то 40 хабару гузориш аз баргузории суҳбату вохӯриҳо, чорабиниҳои фарҳангиву ташкилӣ ва андешаҳои созанда пешниҳод карданд. Вале мутаассифона кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ, Носири Хусрав, Ш. Шоҳин ва Балҷувон аз 5 то 15 мавод мавод аз баргузории суҳбату вохӯриҳо ирсол намуданду халос. Мазмун ва муҳтавои баъзе маводҳои ирсолшуда аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳоло ҳам ба талабот ҳатто дар гурӯҳи шаҳру ноҳияҳои пешсаф ҳам дар баъзан мавридҳо ба талабот ҷавобгӯ нест. Сифати баргузории чорабиниҳо, ширкати фаъолонаи сокинони деҳот дар аксарият гузоришу маводҳои ирсолшуда ба назар намерасанд. Сифати аксҳо ҳам бениҳоят паст аст, ки ин раванд бояд ислоҳ шавад. Зеро ҳарчанд сатҳи чорабинӣ баланд ҳам набошад, лекин сифати пасти расмҳо боиси беранг кардани чорабинӣ ва аз назар дур афтоданаш мегардад. Зеро хонанда дар сомона ва шабакаҳои иҷтимоӣ пеш аз ҳама ба аксҳои чорабинӣ назар меафканад. Баъзан Кумитаҳои иҷроия бошанд як матни қолабӣ сохтаанду танҳо номи деҳа ва аксашро иваз мекунанд, ки ин ҳам қобили қабул нест. Ахёнан бо матни гузориш аксҳоеро мефиристанд, ки тамоман ба чорабинии ҳизбӣ монанд нестанд ва кормандони масъули ҳизбӣ дар он ҷо дида намешавад.

Дар ҷараёни корҳои тарғиботӣ нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон "Ҳамрози халқ" низ яке аз дастгоҳҳои бузурги идеологии ҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ ҷиҳати боз ҳам фарогир сохтани мазмуну муҳтавои он ва ҳамзамон баланд гаштани сифати нашри он як қатор чораҳо андешида шуд. Аз ҷумла, сифати қоғазу чопи он беҳтар карда шуда, ҳоло дар шакли дуранга, яъне сиёҳу кабуд ба нашр расида истодааст. Инчунин, чорабиниҳои ҳизбие, ки дар шаҳру навоҳии вилоят баргузор мешаванд, бештар дар саҳифаҳои рӯзнома инъикос гардида, тавре ки аллакай мушоҳида мешавад, рубрикаву мавзӯъҳои ҷолиби хонданӣ дар он бештар гардидааст.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 12 адад шумораи нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон "Ҳамрози халқ" чоп гардида, дар он аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят мунтазам хабару гузориш ва мақолаҳо нашр мегарданд. Дар ин давра шумораҳои нашрия ба Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ ва мақомотҳои дахлдор дастрас гардонида шуданд.

Чунончи ҳамаи мову шумо огаҳӣ дорем нақшаи обуна ба нашрияи ҳизбии "Ҳамрози халқ" барои соли 2019 тариқи мактуби дахлдор ба унвонии раисони шаҳру ноҳияҳо ва кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар шаҳру ноҳияҳо ирсол карда шудааст. Бояд гуфт, соли оянда чопи ҳарҳафтаинаи нашрия ба нақша гирифта шуда, дар айни замон нархи обуна бетағйир, яъне 60 сомонӣ бо назардошти ҳаққи хизмати почта боқӣ мондааст.

Бинобар ин раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои муташаккилона ва босифат ҷамъбаст намудани маъракаи обуна ба нашрияҳои ҳизбӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, дар ин самт аъзои раёсат, кумитаи иҷроия ва масъулони дигар, аъзоён ва ҷонибдорони ҳизбро сафарбар намоянд ва ҳафтае як маротиба (рӯзи ҷумъа) оид ба рафти обунашавӣ, ба Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон маълумот пешниҳод намоянд.

***Ҳозирини гиромӣ,***

Айни замон ҳамаи кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ва кормандони масъули ҳизб дар фейсбук саҳифаҳои алоҳидаи худро дошта, бо бурдани тарғибот дар саҳифаи иҷтимоии Кумитаи иҷроияи вилоятӣ ва паҳн кардани ахбор бо ҳазорон дӯстони дигари худ ба равандҳи кори тарғибот такони ҷиддӣ бахшида истодаанд. Инчунин, аз тарафи кормандони масъули ҳизб ба маводҳои ғаразноки хоинони миллат ва гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ вокунишҳои саривақтӣ дода шуда, тавре эҳсос мешавад аллакай дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои онҳо фазо хело танг гаштааст. Аммо дар ин росто низ баъзан камбудиҳо дида мешавад. Аз ҷумла, ғайримақсаднок истифода бурдан аз саҳифаҳои ҳизбӣ ва дар онҳо нашр кардани иттилоотӣ ғайриҳизбӣ, ки боиси беранг шудани кор мегардад.

Дар нимсолаи аввали соли 2018 ҳамаи чорабиниҳои баргузоргардидаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар шабакаҳои давлатии телевизиони "Тоҷикистон", "Сафина", "Баҳористон", "Ҷаҳонамо", "Варзиш", сомонаҳои интернетии hamsafon.tj, hhdtkhatlon.tj, khovar.tj, facebook нашрияҳои ҳизбии "Минбари халқ" ва "Ҳамрози халқ" пурра инъикоси худро ёфтаанд.

Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон минбаъд низ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дастуру супоришҳои Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ ҳизб амалӣ гардида, сиёсати созандаю бунёдкоронаи Пешвои миллат ва ҲХДТ дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ба таври дахлдор татбиқ гарданд.

Дар ин роҳ ба ҳамаи шумо барору комёбӣ таманно дорем.

***Ташаккур барои таваҷҷуҳатон.***

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## БЕҲТАРИН РОҲИ ПЕШГИРӢ АЗ ХУРОФОТУ ТААССУБ ИН РӮ ОВАРДАН БА ФАРҲАНГИ МИЛЛИСТ



Санаи 05.07.2018 дар ноҳияи Ҷайҳун семинар-машварати ҳизбӣ бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло, раиси ноҳия Аминзода Фотеҳ ва раисони Кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон баргузор гардид.

Дар қисмати амалии семинар-машварат иштирокчиён аз чорабиниҳои ҳизбӣ дар заминаи ташкилоти ибтидоии маҳаллаи Ҷалолиддини Балхӣ дидан намуданд.

Дар ҷараёни он иштирокчиён бо фаъолияти осоишгоҳи Дӯстии ноҳия ошноӣ пайдо карда, аз ҳолу аҳвол ва шароити зисти бошандагони он хабардор шуданд.

Сипас, иштирокчиён ба раванди рушди ҳунарҳои мардумӣ ва хоҷагидории ҳизбиёни ноҳия шинос шуда, аз намоишгоҳи назди Қасри фарҳанги ноҳия боздид ба амал оварданд.

Баъдан, дар толори Қасри фарҳанги ноҳия қисмати машваратии семинар-машварат таҳти унвони "Аз байн бурдани таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ бо ҳадафи солим нигоҳ доштани маънавиёти ҷомеа" баргузор гардид. Дар рафти он раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло, раиси ноҳияи Ҷайҳун Аминзода Фотеҳ ва дигар фаъолон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз таассубу хурофотпарастӣ суханронӣ намуданд. Тавре қайд гардид, беҳтарин роҳи пешгирӣ аз хурофоту таассуб ин рӯ овардан ба фарҳанги миллист.



Дар поёни чорабинӣ фаъолони ҳизби ноҳия бо Ифтихорнома ва Сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон қадрдонӣ гардида, ҳамзамон, аз тарафи узви Раёсат ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, раиси ноҳияи Ҷайҳун Аминзода Фотеҳ ба Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия автомашинаи хизматӣ тухфа карда шуд.

*н.ҶАЙҲУН*



## ТАРҒИБОТ БА ХОТИРИ ТАҚВИЯТИ ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ ВА ҲИССИ ВАТАНДӮСТӢ

Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён барномаи пешгирифтаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлонро, ки соли 2018-ро Соли тақвияти робита бо маҳал эълон кардааст, дастгирӣ намуда, дар деҳаву маҳаллаҳо бо сокинон вохӯриву мулоқот ташкил карда, ҷомеаро аз барномаҳои ҳизб ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти он ба таври васеъ ошно карда истодаанд.

Ҳамин тавр, бо иштироки корманди масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Орзу Ҳамидиён, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён Сатторова Мунаввара, намояндаи Кумитаи амнияти миллӣ Комилзода Илҳом, корманди ҷамоати шаҳраки Бохтариён Ёров Абдуғаффор ва кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён бо сокинони маҳаллаи Файзи Истиқлоли ноҳия мулоқот баргузор карда шуд.

Зимни баргузории вохӯрӣ масъулин оид ба сафарбар кардани сокинон ба сарфаю сариштакорона истифода бурдан аз неруи барқ бо мақсади ноил шудан ба истиқлолияти пурраи энергетикӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум дар мавриди хатарҳои терроризму экстремизм бо мақсади пешгирӣ аз шомилшавии шаҳрвандон ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ, огоҳии сокинони кишвар аз паёмадҳои хатаровари гурӯҳҳои ифротии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯъ ва фаъол гардонидани аҳолӣ дар самти мубориза бо онҳо андешаронӣ карданд. Инчунин, дар рафти чорабинӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ пешкаши иштирокдорон карда шуд.

*н.КУШОНИЁН*

## ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ- ТАШАББУСИ НЕКБИНОНА ДАР ВАТАН

Барои дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ростои Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант дар ташкилоти ибтидоии «Ҳаёти нав» намоиши ҳунарҳои мардумӣ, таомҳои миллӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ баргузор гардид.Дар чорабинии мазкур намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант ва намояндаи бахши ҷавонон ва дигар шахсони даъватӣ иштирок доштанд.



Мардуми шарафманди деҳаи Ҳаёти нав бо як ҳисси баланди ватандӯстиву меҳанпарастӣ дастуру супоришҳои Пешвои миллатро дастгирӣ намуда, дар пайи сайқал додани ҳунари худ ва ҷалб намудани ҷавонон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ талош доранд.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант фаъолонеро, ки барои дар амал татбиқ намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизб саҳми арзанда доштанд, бо Сипосномаҳо қадрдонӣ кард.

*ш.ЛЕВАКАНТ*

## КИШОВАРЗӢ ШУҒЛИ СЕРДАРОМАД МЕБОШАД



Тибқи нақша-чорабинии тасдиқгардидаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён дар ҷамоати деҳоти Тахти Сангини ноҳия бо саҳмдорони ташкилоти ибтидоии “Хоҷагии Авесто” вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён Абдуллоев Воҳобиддин вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суханронӣ намуд.

Мавсуф қайд намуд, ки кишоварзӣ аз зумраи соҳаҳои даромаднок ба ҳисоб рафта, деҳқонони асил метавонанд бо истифодаи босамар аз 1 га замин аз панҷоҳ то ҳаштод ҳазор сомонӣ даромади соф ба даст меоранд. Аммо беэътиноӣ нисбати замин боиси камҳосилӣ мегардад.

Кишоварзон низ бо тасдиқи ин нукта қайд намуданд, ки кишоварзӣ қоидаҳои хоси худро дорад ва танҳо бо риояи он қоидаҳои муҳимми агротехникӣ метавон ба муваффақият ноил шуд.

*н. ҚУБОДИЁН*

## ТОҶИКИСТОН МАКОНИ САЙРУ САЁҲАТ ВА КАСБУ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ



Дар кӯчаи ба номи Исмоили Сомонии ҷамоати шаҳраки Муъминобод бо истиқоматкунандагон тибқи ҷадвали баргузории мулоқотҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод Салоҳиддин Мирзобаротов ва муовини раиси Кумитаи иҷроия Гулсунбӣ Раҷабова иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар вохӯрӣ нуктаҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Инчунин, бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар кӯчаи мазкур намоиши ҳунарҳои мардумии сокинони кӯча аз қабили чакандӯзӣ, заргарӣ, табақтарошӣ ва дигар намудҳои ҳунарҳои миллӣ ба намоиш гузошта шуданд.

*н.МУЪМИНОБОД*

## МУБОРИЗА БО БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ МАСЪУЛИЯТИ ҲАР ЯК КОРМАНДИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИСТ



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Зарқалъа” доир ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ бо аъзо ва ҷонибдорони ҳизб хониши сиёсӣ ташкил карда шуд.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Валиева Саъбагул ва роҳбари ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Зарқалъа” Шарипов Неъматулло дар рафти мулоқот иштирок ва баромад намуданд.

Зимнан, Валиева Саъбагул зикр кард, ки бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВНМО/АНМО бемории ҳалокатбор буда, ҳар сол дар миқёси олам ҷони чанд миллион нафарро аз байн мебарад ва теъдоди гирифторони ин мусибат, ки онро «вабои аср» меноманд, сол ба сол зиёд мегардад. Мубориза бар зидди бемории мазкур аз ҳар як корманди соҳаи тандурустӣ тақозо мекунад, ки масъулиятро бештар намуда, бо ҷомеа дар ин самт корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ баранд. Чунки ҷомеа дар самти саломатӣ аз ҳама бештар ба кормандони соҳаи тиб эътимоду эътиқоди бештар доранд. Хусусан, ҳизбиён-кормандони соҳаи тиббро зарур аст, ки вобаста ба дигар бемориҳои сироятӣ ҳам корҳои фаҳмондадиҳиро пурзӯр намуда, дар солимгардонии генафонди миллат саҳм гузоранд.

*ш.КӮЛОБ*

## ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ ТҶҶ “СОЗАНДАГОНИ ВАТАН” ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶАВОНОН “БАЙКАЛ”

Дар доираи Форуми байналмилалии ҷавонон “Байкал”, аъзои фаъоли ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ҳайати Илҳомҷон Ҳамидов, Наврӯз Хусейнзода, Зарина Файзуллозода, Насимҷон Расулзода ва Фирдавс Саидов аз 29.06.2018 то 09.07.2018 ба Федератсияи Россия сафар карда, дар чорабинии мазкур аз таҷрибаи пешқадами созмонҳои иштирокчиён нақл намуданд.



Ҳамзамон, дар доираи таваҷҷуҳи давлати Тоҷикистон ба ҷавонон, рушди ҳамкориҳои минтақавии ҳизбӣ, фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурӣ ва дигар мавзӯъҳо суҳбатҳо анҷом доданд.

Тавре гуфта шуд, ТҶҶ "Созандагони Ватан" тули 7 соли фаъолияти худ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, ҷавононро дар рӯҳияи созандагиву бунёдкорӣ тарбия намуда истодааст. Ба ин равиш ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар сатҳи байналмиллалӣ низ шинохта шуда, ҳамчун ниҳоди муҳимми кор бо ҷавонон аз тарафи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

*ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ*

## ШАХСОНИ МАЪЮБ ҲУНАР ОМӮХТА, ДАР ХОНА СОҲИБИ ҶОЙИ КОРИ ДАРОМАДНОК ШУДАНД



Мутобиқи накшаи кории Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо иштироки намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ дар маҳаллаи 50-солагии Қушунҳои сарҳадӣ барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва пос доштани асолату ҳуввияти миллӣ намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва дар заминаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ мулоқот ва чорабинии хотирмони таблиғотӣ баргузор гардид. Масъулин пеш аз оғози мулоқот аз намоиши ҳунарҳои миллӣ дидан карда, ба ҳунари волои занону бонувони ҳунарманди маҳаллаи номбурда баҳои баланд доданд.

Дар идомаи чорабинӣ раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Марзбон» Улмасова Майрам суханронӣ намуда, қайд кард, ки бахшида ба эълон гаштани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мо дар маҳаллаамон бо дастгирии ҳунармандон 5 нафар духтарони маъюбро соҳибҳунар гардонидем, ки онҳо имрӯз дар хона нишаста ба мухрабофӣ, ҷӯроббофӣ, гулдӯзӣ ва тоқидӯзӣ машғуланд ва бо ин ҳунарҳо соҳиби ҷойи кор гардида, муштариёни зиёд пайдо карданд ва даромади хуб ба даст меоранд.

***н.ПАНҶ***

## ХИЗМАТ БА МАРДУМ ШАРАФИ БУЗУРГ АСТ!



Дар асоси ҷадвали баргузори хонишҳои сиёсӣ дар ташкилоту муасисаҳо вохӯрии навбатии кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик дар шуъбаи Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳия доир гардид.

Масъулин оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, инчунин дар масъалаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, танзими анъана ва ҷашну маросим, инчунин муқовимат бо коррупсия ва пайомадҳои нохуши он суҳбат карданд .

Дар рафти мулоқот раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик Раҷабзода Маҳмадсаид баромад карда, самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро фаҳмонид. Қайд кард, ки хизмат ба мардум шарафи бузург буда, моро лозим аст,ки сарбаландонаву шарафмандона ба халқ хизмат кунем.

***н.ТЕМУРМАЛИК***

## ЭҲЁИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ БА РӮЗГОРИ МАРДУМ РАВШАНӢ БАХШИД



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор дар ҳудуди маҳаллаи 1-и ҷамоати шаҳраки Фархор бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чорабинии фарҳангӣ ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор карда шуд.

Дар чорабинӣ аъзои ҲХДТ аз ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Маҳаллаи 1» фаъолона ширкат варзида, ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсули дастранҷи худро ба маърази тамошо гузоштанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин чорабинӣ ҳунармандону соҳибкорони маҳалла низ ширкати фаъолона намуда, маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи хешро ба маърази тамошо гузоштанд.

Аз он ҷумла, Аюбова Ситора бо лухтаку гулдӯзиҳо, Кибакова Матлуба бо шерозаву мухраҳои гулкорикардашуда, Раҷабова Мавзуна бо қуроқҳову чодарҳои дастдӯз, ҳамчунин соҳибкороне, ки дар ҳудуди маҳалла фаъолият менамоянд, маҳсулоти худро ба маърази тамошо гузоштанд. Инчунин, Ҳабибов Абдухалил дару тиреза ва мизу курсии аз чӯб омодакардааш, ҶДММ «Фароғат-Н» маҳсулоти навъи истеҳсолнамуда ва сехи дӯзандагии «Сакина» дӯхти либосҳои миллӣ, аз қабили атлас, чакан ва либосҳои арӯсиро ба тамошо гузоштанд.

***н.ФАРХОР***

## МАРДУМИ МАҲАЛ БА ОМӮЗИШИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ШАВҚИ БАЛАНД ДОРАНД



Кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Гадоӣ Сайдалиев ва Фирӯз Пиров бо истиқоматкунандагони деҳаи Саркокули ҷамоати Чубеки ноҳия вохӯрӣ гузарониданд. Зимни баргузории вохӯрӣ масъулин атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суҳбат намуданд.

Тавре аз суҳбатҳо аён гашт, сокинон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ шавқу завқи зиёд пайдо карда, корҳои хонагиро ҳамчун манбаи даромади соф қабул кардаанд. Зеро аз ин навъ корҳо андоз ситонида нашуда, ҳамзамон муштариёни дохиливу хориҷӣ низ ба ҳунарҳои дастӣ афзун гашта истодааст.

***н.ҲАМАДОНӢ***



## ВОХӮРӢ БО СОКИНОН ВА ТАЪСИСИ ТАШКИЛОТИ ИБТИДОӢ ДАР МАҲАЛ

Дар ҷамъомаде, ки дар маҳаллаи Дашти қаваки ҷамоати деҳоти Ховалинг бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия ҷиҳати ба мардум фаҳмонидани самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон гузаронида шуд, сокини маҳалла Раъногул Қодирова пешниҳод намуд, ки барои мунтазам ба аҳолӣ расонидани сиёсати дохилию хориҷии давлату ҳукумат, аз ҷумла Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Раиси муаззами он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳалла ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ таъсис дода шавад.

Ҷамъомадагон бо овоздиҳӣ Дилрабо Сафаровaро раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ интихоб намуда, ба якчанд нафар сокинони маҳалла, ки ба сафи ҳизб шомил шуданд ба таври тантанавӣ шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супориданд.

Сипас, дар назди сокинон Сатторов Сайҷалол мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баромад намуд.

***н.ХОВАЛИНГ***

## ВАҲДАТУ ЯКДИЛӢ МАРОМИ МО СОКИНОНИ САРБАЛАНДИ ТОҶИКИСТОН АСТ!



Бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон Саидзода Раҳмон Азим ва раиси ташкилоти ибтидоии «Обикиик» Гулов Фирӯз хониши сиёсӣ вобаста ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Саидзода Раҳмон дар назди ҷамъомадагон оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҳадафҳои барномавии ҳизб, нисбати сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар мавзӯъҳои мубрами рӯз суханронӣ намуда, моҳияти дастуру супориш ва ҳидоятҳои Президенти кишварро ба иштирокдорон фаҳмонид.

Дар охир иштирокчиёни ҷамъомад миннатдории худро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуда, шукргузорӣ аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, тинҷиву оромӣ ва пешравию шукуфоии Ҷумҳурии азизамонро баён карданд.

***н.ХУРОСОН***

## АКСИЯИ ТАРҒИБОТӢ-АМАЛИИ ҲИЗБӢ ТАҲТИ УНВОНИИ «ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!» СОКИНОНРО ДАР РОҲИ СОЗАНДАГӢ МУТТАҲИД КАРД



Мутобиқи накшаи мувофиқашуда оид ба баргузории вохӯриву мулоқотҳо дар корхонаву муассисаҳо, ташкилот ва деҳаю маҳаллаҳо оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ бо намояндагони ҷомеаи кишвар дар маҳаллаи Мирзоободи ҷамоати деҳоти Наврӯз бо иштироки васеъи сокинон вохӯрӣ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ қисмати тарғиботи Аксияи ҳизбии “Якҷоя ҳал мекунем!” роҳандозӣ гардида, бо сокинон оид ба роҳҳои якҷоя ҳал кардани мушкилоти дар деҳаву маҳалла мавҷудбуда ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ карданд.

Дар ин радиф, сокинони маҳалла иқдом гирифтанд, ки дар таъмиру азнавсозии бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24 якҷоя саҳмгузорӣ намуда, онро то охири ҳамин ҳафта ба анҷом расонанд.

Аз ҷониби сокинон ҳунарҳои мардумӣ ва намоиши зироатҳои полезӣ, ки маҳсули дастранҷи онҳо мебошад, ба маърази тамошо гузошта шуда, итминон дода шуд, ки аз роҳи рушди кишоварзӣ ва корҳои хонагӣ масъалаи пурра ба кор таъмин шудани аҳолии маҳалро якҷоя ҳал мекунем.

***н.Н.ХУСРАВ***



## МАВҚЕИ ҲХДТ ДАР МАҲАЛ БОЗ ҲАМ УСТУВОРТАР МЕГАРДАД

Бахри иҷрои дастуру супориши раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, тибқи ҷадвали тасдиқгардида, дар маҳаллаи «Бӯстон Сулаймонова»-и ҷамоати деҳоти Иттифоқи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо иштироки беш аз 200 нафар сокинони қишрҳои гуногуни ҷомеа, хусусан ҷавонони маҳалла вохӯриву суҳбатҳои судманд баргузор карда шуд.

Тавре раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Муҳаммаддовуд Ҳалимов изҳор дошт, вохӯриву суҳбатҳои мазкур пеш аз ҳама бо мақсади тарғибу ташвиқи ҳунарҳои мардумӣ нигаронида шудааст. Мутобиқи қарори маҷлиси муассисон дар маҳаллаи «Бӯстон Сулаймонова» ташкилоти ибтидоии ҲХДТ бо номи «Бӯстон-4» таъсис дода шуд.

Сипас, масъалаи ташкилӣ баррасӣ карда шуда, Махсумова Зулайхоро раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ интихоб карданд.

Ҳамчунон дар ҷараёни маҷлис, дар вазъияти тантанавӣ ба 6 нафар оилаҳои эҳтиёҷманд аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ кӯмакпулӣ супорида шуд.

***н.А.ҶОМӢ***

# ТАҲДИД БА ТОҶИКИСТОН: ЭРОН ҶАНГОВАРОНИ ҲИЗБИ НАҲЗАТРО АЗ СУРИЯ БА АФҒОНИСТОН ИНТИҚОЛ МЕДИҲАД




Кишвари Эрон дар ташкили ҷангҳои шаҳрвандӣ, бахусус дар Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997, ки онро бо дасти наҳзатиҳои террорист амалӣ сохт, таҷрибаи кофӣ дорад. Бо истифода аз ин таҷриба, имрӯзҳо эмисарони Сипоҳи посдорони Инқилоби исломии Эрон ва масъулини хадамоти махсуси ин кишвар аъзоёни фирории Ташкилоти экстремистиву террористии ҳизби наҳзати исломӣ (ТЭТ ҲНИ)-ро аз ҷиҳати идеологӣ дар кишварҳои аврупоӣ ва аз лиҳози омодабошии ҳарбӣ ва ҷангӣ дар лагерҳои низомии марбут ба ин кишвар дар Эрон, Сурия, Ироқ, Лубнон, Яман ва Афғонистон таълим дода истодаанд.

Чанде пештар ҷанговарони ТЭТ ҲНИ, ки дар рӯйхати гурӯҳҳои террористӣ дар Тоҷикистон қарор дорад, ба қаламрави Афғонистон интиқол дода шуданд. Ин воқеа ба мақсади таҳдид ва нооором намудани амнияти Тоҷикистон ва Осиёи Миёна амалӣ гардида, хатари мустақими он ба Россия низ хоҳад расид.

Эронро бо ТЭТ ҲНИ - бахши Ихвонулмуслимин дар Тоҷикистон- робитаҳои таърихӣ мепайвандад. Эрон аз ҷониби худ ҷанговарони ТЭТ ҲНИ-ро дар ҷанги шаҳрвандӣ дар солҳои навадуми асри гузашта суйистифода ва дастгирӣ менамуд.

ТЭТ ҲНИ, ки шохаи гурӯҳи Ихвонулмуслимин ба шумор меравад, аз ҷониби Саид Абдулло Нурӣ таъсис дода шуда, таърихан исбот намуд, ки фаъолияти зери чатри "исломи сиёсӣ" ғайр аз харобкорӣ ва нооромӣ дар ҷомеа, чизе дигаре намеорад. Дар натиҷа моҳи сентябри соли 2015 ошӯби мусаллаҳонаи пайрави ТЭТ ҲНИ генерал Абдуҳалим Назарзода (бо лақаби Ҳоҷӣ Ҳалим) чеҳраи ҳақиқии ин ташкилоти террористиро ба ҷомеаи байналмилалӣ ошкор намуд. Ҳамин тавр, фаъолияти ТЭТ ҲНИ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои узви СҲШ ва СААД манъ гардида, ҳамчун ташкилоти террористӣ-экстремистӣ эътироф шудааст.

Бо интиҳои ҷангҳои Сурия ва дархостҳои Россия ва ИМА ҷиҳати хориҷсозии ҷанговарони эронӣ аз қаламравӣ Сурия, Эрон садҳо ҷанговарони ТЭТ ҲНИ-ро ба сарҳади Афғонистон бо Тоҷикистон интиқол дода, вуҷуди онҳоро ба ҳайси таҳдид ба Ҳукумати Тоҷикистон қарор дод.

Давоми як соли охир тамоюли таҷаммӯи гурӯҳҳои террористӣ дар қисмати шимолии Афғонистон, ки қаблан ором буд, мушоҳида мешавад. ДОИШ, ТЭТ ҲНИ, "Ансоруллоҳ" ва дигар гурӯҳҳои ифротӣ кӯшиш доранд, дар онҷо пойгоҳҳои таълимиву тамринианашонро ҷой карда, барои таъсири бештар ба Осиёи Марказӣ платсдарм бисозанд.

Наворҳои видеоӣ ва шоҳидони воқеъҳои даҳшатафкан гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Эрон дар амалӣ намудани сӯйиқасдҳо бар зидди шахсони сиёсатмадор, фарзонагон ва рӯзноманигорони тоҷик даст дорад ва кӯмакҳои молиявӣ ва низомии ин кишвар ҳангоми ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум ба ҳамагон маълум аст.

Дар рафти фаъолиятҳои Конфронси ваҳдати исломӣ, ки соли 2016 багузор гардид, Эрон роҳбари ТЭТ ҲНИ, Муҳиддин Кабириро меҳмоннавозӣ намуд. М.Кабирӣ бо роҳбари рӯҳониҳои Эрон Алӣ Хоманаӣ вохӯрӣ анҷом дод. Ҳукумати Тоҷикистон ин амали Эронро аз ҷониби худ маҳкум сохт. Тоҷикистон А.Хоманиро барои дастгирии роҳбари гурӯҳи террористӣ, ки хатари онҳо ба амнияти Тоҷикистон таҳдид мекунад, муттаҳам месозад.

Дар рафти ҷаласаи пӯшидаи охирини ТЭТ ҲНИ дар шаҳри Варшаваи Полша, Мухиддин Кабирӣ ба иштирокчиёни ҷаласа, нақшаи бо дастгирии Эрон ба марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамла карданро фаҳмонида додааст. Тибқи нақшаи таҳрезикардашудаи М.Кабирӣ, бо маблағгузории Эрон аз давлатҳои ҷангзадаи Сурия ва Ироқ аъзоёни ТЭТ ҲНИ-ро тавассути Эрон ба Афғонистон гузаронида, онҳоро ба сарҳадҳои Тоҷикистон наздик созанд. Имрӯзҳо бисёри ҷангиёни ТЭТ ҲНИ дар лагерҳои Эрон таҳсили ҳарбӣ гирифта истодаанд.

Аз нақша ва ҳадафҳои ғаразноки онҳо тамоми ҷаҳон огоҳ буда, ба онҳо нафрат меҳонанд. Рафтор ва кирдори онҳо хилофи таълимоти дини мубини ислом буда, омили бадномкунандаи муқаддасоти динӣ мубини ислом дар арсаи байналмилалӣ гардидааст.

***Бознашр аз сомонаи https://www.aldarvoice.ae/49213.html.***

**БА МУНОСИБАТИ СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ**

# ОИНИ ШАҲРНИШИНӢ ВА ТАРБИЯИ ЗАВҚИ ЗЕБОИПАРАСТИИ СОКИНОН ОМИЛИ РУШДУ ОБОДИСТ!

Имрӯзҳо бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар гӯшаи Тоҷикистон ба гулистон табдил ёфта истодааст.

Тавре медонем, соли равон барои шаҳри Бохтар соли гулҳо эълон шудааст. Дар ростои ин иқдом дар назди ҳар як идораву корхона ва ташкилоту муассиса майдонҳои гулкоришуда ба назар мерасад, ки воқеан зебо ва диданианд. Ин иқдом ба тафаккури зебоипарастонаи мардум аллакай таъсири мусбӣ расонида, тавре дида истодаем, дар гӯшаҳои алоҳидаи бозорҳо нуқтаҳои фурӯши гулҳои хонагӣ ва гулҳои мавсимӣ пайдо шуда истодаанд. Ҳамзамон, сокинон аллакай ба таври оммавӣ дар хонаҳо парвариши навъҳои гуногуни гулҳоро ба роҳ монда, аз ин ҳисоб ҳатто даромади хуб ҳам ба даст меоранд. Ин падида яке аз унсурҳои муҳимми оини шаҳрнишинӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ободиву шукуфоии ҳар як шаҳр аз маданияти шаҳрнишинии сокинонаш сахт вобаста аст. Беаҳмиятии сокинон нисбати ободии шаҳр, бо вуҷуди ҳамаи тадбирҳои муассисаҳои беҳдоштӣ, метавонад ҳусни шаҳрро коста гардонад. Чуноне ки зимни суҳбат бо мо сармуҳандиси корхонаи давлатии фаръии хоҷагии коммуналии шаҳри Бохтар Тағаймуродов Алишер ибрози андеша намуд: «Айни ҳол сатҳи маданияти шаҳрнишинии сокинони шаҳри Бохтар нисбати солҳои қаблӣ хеле боло рафтааст. Вале то ҳануз баъзан омилҳо боқӣ мондаанд, ки дар натиҷаи зиёд кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ онҳоро низ ба зудӣ бартараф кардан мумкин аст. Аз ҷумла, баъзе сокинон бо вуҷуди оне, ки қуттиҳои партов дар ҳар як кӯча гузошта шудааст, партовҳои худро на дар дохили қуттӣ балки атрофи он мерезанд. Дар маҳалҳое, ки дар назди хонаҳои мардум дарёча мегузарад бо вуҷуди оне, ки мо дар як ҳафта ду маротиба партовҳои онҳоро ҷамъоварӣ менамоем, боз дар назди дарёчаҳо баъзан партовҳо ба чашм мерасад."

Коршиносон ба ин назаранд, ки яке аз сабабҳои ба чашм расидани чунин ҳолатҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ин бетарафии худи мо сокинон аст. Яъне мо мебинем, ки ҳамсояамон дар саргаҳи об партов мепартояд, вале хомӯш истода аз поёноб аз оби олудакардаи он истифода мебарем. Ё мебинем ҳамсояамон берун аз қуттӣ партовро андохту шамол онро то дари хонаи мо овард, ё дар рӯи роҳ паҳн кард, аммо боз бетарафӣ мекунему ба болои он по гузошта меравем. Ҷойи зикр аст, ки яке аз оинҳои муҳимми шаҳрнишинӣ ин бетарафӣ накардан нисбати чунин ҳолатҳост.

Дар саросари кишвар барои истироҳати сокинон гулгашту сайргоҳҳои хушманзара бунёд карда шудаанд. Ин аз риояи аркони шаҳрдорӣ гувоҳӣ медиҳад. Аммо шаҳрнишинон аз онҳо чи гуна истифода мебаранд. Албатта. Тавре мушоҳида мешавад, аксарият дар доираи оила ва ёру дӯстон аз ин хеле хубу бамаврид истифода мебаранд, ки боиси хушҳолист. Вале ин ҷо ҳам баъзан шахсони аз оини шаҳрнишинӣ бехабар дар бегоҳӣ вақти ба сайругашт баромаданашон дар ин ҷойҳо нишаста донаи офтобпараст, қоғазҳои яхмос ва монанди инҳоро, гӯё чашмашон қуттиҳои партовро надида бошад, ба рӯи замин мепартоянд. Ё баъзан мебинем, ки аз тирезаи мошинҳо ба канори роҳ қуттиҳои обҳои нӯшокӣ партофта мешавад... Бояд дар хотир гирем, ки чунин амалҳо на танҳо боиси коста шудани тозагиву ободии шаҳру маҳаламон мегардад, балки маърифату маданияти мо сокинонро зери суол мебарад.



Дар натиҷаи ҳамсуҳбат шудан бо як фурӯшандаи донаи офтобпараст ба мо маълум гардид, ки танҳо дар як нуқтаи фурӯши сарироҳӣ дар як рӯз камаш ду қуттӣ донаи офтобпарастро ки 50 халтачаро ташкил медиҳад, ба фурӯш мебароранд. Дар рӯзҳои иду ҷашнҳо бошад то 10 қуттӣ. Тавре мушоҳида мешавад, нисф зиёди партов аз ҳисоби донаҳои офтобпараст дар сари роҳу ҷойҳои ҷамъиятӣ беparвоёна партофта мешавад. Ҳол онки мушкил нест мо пасмондаи партови онро дар як халтача ё қоғази алоҳида ҷамъ оварда дар партовгоҳ партоем. Ба андешаи коршиносон, касе ки худро одами бомаданият меҳисобад, бояд ба покизагии ҷойҳои ҷамъиятӣ мисли покизагии саҳни ҳавлии худ ва даруни хонааш муносибат намояд.

Барои расидан ба сатҳи баланди маърифату маданияти шаҳрнишинӣ тарбияро мебояд аз кӯдакӣ оғоз кард. Аз вақте ки кӯдак ба боғча қадам мениҳад, бояд завқи зебоипарастиро дар вуҷудаш бедор сохт. Дар робита ба ин, бо Салимов Озар-сардабири маҷалаи «Мактаб» суҳбат оростем. Тавре мавсуф қайд намуданд, маданияти шаҳрнишинӣ вобаста ба сатҳи ахлоқу одоб, ҷаҳонбинии ҳар як шаҳрванд вобаста аст. Шахсоне бовиҷдону масъулиятшиносе ҳастанд, ки ба ҷамъият бетарфӣ зоҳир намекунанд. Агар дар маконе, ки партови зиёдро диданд, ё сабабгоронашро мушоҳида намуданд, ба мақомоти дахлдор муроҷиат мекунанд. Маданияти шаҳрнишинӣ танҳо дар ифлосӣ дида намешавад, дар одоби рафтору гуфтор низ ҳаст. Одобу муоширати бади ҷавонон ҳам метавонад симои шаҳрро аз ифлосӣ дида бадтар гардонад ва баръакс одобу маданияти баланд боиси покизагиву шукуфоӣ гардад. Дар аввал маданият хуб буд, вақте ки дар соли 1992 дар Тоҷикистон ҷанг рух дод гӯё маданиятро ҳам аз байн бурд. Бо мурури замон баъди истиқлолияти давлатӣ мо тавонистем дубора маданияти худро вобаста ба шаҳрдорӣ ва одобу ахлоқ аз нав мустаҳкам намоем. Маданияти имрӯзаро қаноатбахш гуфтан мумкин аст ва бояд барои беҳтар шуданаш талош варзем.

Воқеан, барои фаҳмидани маданият ахлоқу дониш доштан даркор ва ин аз хондану бозомӯзӣ кардани ҳар шахс вобастагӣ дорад. Барои ҳамин мо рӯй овардем ба тарафи китобхонаи вилоятӣ. Дар китобхонаи вилоятии шаҳри Бохтар ба номи Шамсиддини Шоҳин мо бо сардори шуъба Файзулоева Ҳамида ва бо корманди шуъбаи кӯдакона Холова Азиза ҳамсуҳбат гаштем. Мо хостем донем, ки дар китобхона китобҳои ахлоқӣ вуҷуд дошта бошанд ё на! Файзулоева Ҳамида иброз доштанд, ки ҷавонони имрӯза нисбати солҳои пешин зиёд ба китобхона меоянд, аммо аз китобҳои бадеию ахлоқӣ кам истифода мебаранд, зиёдтар аз китобҳои дарсӣ, ки барои дарсҳояшон даркор аст истифода мебаранд. Мо китобҳои этикӣ кам дорем, танҳо як ду китоб доир ба никоҳу оила асту бас. Аммо шумораи хонандагони мо кам нестанд. Дар як рӯз мо камаш 100 нафар хонандаро қабул менамоем.

Дар шуъбаи кӯдакона Холова Азиза иброз доштан, ки дар шуъбаи мо ҳар рӯз 45 то 50 хонанда, яъне кӯдакон ташриф меоранд. Дар ҳамон шуъбаи кӯдакона китобчаи бо номи «Этика» муаллифаш Саъдинисо Ҳакимова ҳаст, ки ба кӯдакон фаҳмо буда, дар он рафтору кирдор, одобу ахлоқ ва маданият дарҷ шудааст.

Тавре ба мушоҳида мерасад, имрӯзҳо талаботи ҷомеа нисбати покизагии хиёбону гулгаштҳо ва ҳамзамон покизагиҳои ахлоқӣ зиёд гардида истодааст, ки ин нишонаи зина ба зина баланд шудани завқу маданияти сокинон мебошад. Ҳамзамон, таъкиди ин нуктаро ба маврид медонем, ки соли 2018 дар саросари кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудааст ва аз тамоми дунё алакай сайёҳон рафтуомад доранд ва минбаъд низ ин раванд афзоиш хоҳад ёфт. Бо инобати ин моро зарур аст дар самти маданияти шаҳрнишинӣ масъулияти баланд эҳсос намуда, бо фарҳанги баланди худ номбардори Ватан гардем.

***Таҳминаи БАҲРОМ, таҷрибаомӯз дар нашрияи "Ҳамрози халқ", донишҷӯи курси якуми факултети филологияи тоҷик, ихтисоси "Журналист-тарҷумон"-и ДДҚ ба номи Носири Хусрав***

# ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!




Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон дар пайи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯз аз рӯз ободу зебо гардида, дар ростои дуруст сафарбар намудани нерӯи тавонои халқ ба корҳои созандагиву ободонӣ аз як кишвари ақибмондаи ҷангзада ба кишвари ободу пешрафта табдил ёфтааст.

Ҳамакнун, мо дар раванди омодагиҳо ба истиқболи шоиста аз 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ватани маҳбубамон Тоҷикистон қарор дорем ва ҳарчанд ба ин санаи таърихӣ наздиктар мешавем ва ҳарчи ба гузаштаи бостониву нави худ амиқтар назар мекунем бори дигар ба дурандешии Пешвои миллатамон қоил мешавем, ки ҳанӯз дар оғози зимоми давлатдориро ба даст гирифтан таъкид мекарданд, ки дар роҳи ободсозии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории миллӣ набояд ба умеди қувваҳои беруна бошем. Чунки ҳеҷ кас ба ҷойи мо хонаи моро – Ватани моро обод намекунад!

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳам зодаи Истиқлолият буда, аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун омили муттаҳидкунандаи нерӯҳои солими ҷомеа ба хотири таҳкими пояҳои Истиқлолият ва рушду нумуи Тоҷикистон таъсис дода шуд. Рисолати асосии он ба созандагиву бунёдкорӣ раҳнамун кардани халқ аст.

Бо мақсади истиқболи сазовор аз ҷашни барои миллати сарбаланди мо бисёр муқаддасу фархунда 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аъзо, фаъолон ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар саросари кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон омодагиҳои ҷиддӣ гирифта, сокинони шарафманди вилоятро барои боз ҳам бештар ободу зебо кардани Ватани азизамон раҳнамоӣ ва сафарбар намуда истодаанд.

Аз ҷумла, дар заминаи амалӣ гардонидани дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 26.06.2018 дар маҷлиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба хотири ҳаллу фасли мушкилоти мардум, таъмиру тармим ва сохтмони пулу купрукҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, ҳамом, майдончаҳои варзишӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва сабзу хуррам гардонидани маҳалли зист бо истифода аз нерӯи аъзо, фаъолон, ҷонибдорон ва сокинони маҳал Аксияи тарғиботӣ-амалии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлонро таҳти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" эълон гардид.

Бояд гуфт, сохторҳои ҳизбии вилоят дар нимаи аввали соли 2018 дар ҳудуди деҳаву маҳаллаҳо бо сокинон наздики се ҳазор вохӯриву мулоқот баргузор намуда, дар самти дуруст сафарбар кардани корҳои хайру саховат ба хотири ҳалли проблемаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ва аз лиҳози маънавӣ омода намудани ҷомеа барои амалӣ гардонидани созандагию бунёдкориҳои нав ба хотири рушди кишвар замина гузоштанд.

Аммо дар доираи аксияи ҳизбии "Якҷоя ҳал мекунем!" кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон вазифадор мегарданд, ки зимни вохӯриҳо бо мардум дар маҳал масъалаи сафарбар кардани аҳолӣ ба созандагиву бунёдкорӣ, фаъол гардонидани онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии мавҷуда тариқи дуруст сафарбар намудани корҳои хайру саховат, инчунин дарёфти ҳалли масъалаҳои бекорӣ ва фаро гирифтани сокинон ба шуғлро дар заминаи рушди хоҷагидорию соҳибкорӣ, корҳои хонагию ҳунарҳои мардумӣ тарғиб намуда, бо истифода аз қувваи фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар ҳалли амалии мушкилоти мавҷуда саҳми бевосита гузоранд.

# ОЗМУН БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАҲОИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН




Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон бо мақсади сазовор истиқбол намудани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намудани Соли тақвияти робита бо маҳал ва дар ин росто ҳавасманд гардонидани ташкилотҳои ҳизбӣ барои дарёфти ҷоизаҳои «Беҳтарин муаррифкунандаи мавзеъҳои сайёҳӣ», «Беҳтарин намоиши ҳунарҳои мардумӣ», «Армуғони Хатлонӣ», «Маликаи Хатлон», «Тарроҳи Хатлон» ва "Беҳтарин доиркунандаи чорабинии сатҳи маҳал" озмун эълон менамояд.

Барои муайян намудани ғолибон ҳайати Комиссияи тадорукотии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон муайян карда шудааст.

Озмун моҳи декабри соли ҷорӣ ҷамъбаст гардида, ғолибон бо Ҷоиза, Ифтихорномаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва тӯҳфаҳои таъсиснамудаи ҳайати тадорукот сарфароз гардонида мешаванд.



# ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

▶ Дар яке аз биноҳои департаменти Морбиани Франсия бар асари таркиш сухтор ба амал омада, бар асари он 10 нафар захмӣ гардид, ки се нафари онҳо дар ҳолати вазнин қарор доранд;

▶ Дар пойтахти Полша-шаҳри Варшава, дар терминали нақлиёти боркаш, ихроҷи маводи заҳрнок ба амал омад, ки вобаста ба ин ҳодиса беш аз 10 нафар заҳролуд шуд;

▶ Чанд рӯз қабл тӯфони «Прапирун», ки онро боришоти беисти борон ва шамоли сахт ҳамроҳӣ мекард, қисми шимолу шарқии Японияро фаро гирифт, ки дар натиҷа 70 кас ба ҳалокат расид;

▶ Дар иёлати Вирҷиния ИМА чархболи хусусӣ дар болои бинои истиқоматӣ сукут намуд, ки дар натиҷа таркиш ба вуҷуд омада сарнишин ба ҳалокат расид;

▶ Дар шаҳри Догубаязити Туркия бар асари таркиши норинҷаки дастӣ 1 сарбоз ба ҳалокат расида, ду сарбози дигар маҷрух шудааст;

▶ Дар яке аз манзилҳои истиқоматии шаҳри Нюфилди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар натиҷаи ихроҷи газ таркиш рух дод, ки бар асари ҳодиса 3 нафар ба ҳалокат расида, манзили истиқоматӣ пурра ва чанд бинои дигар қисман хароб гардиданд;

▶ Дар яке аз минтақаҳои наздисоҳилии шаҳри Москваи Федератсияи Россия тирпарронӣ ба амал омад, ки дар натиҷа як нафар ҳалок ва як нафари дигар захм бардошт;

▶ Дар шаҳри Тултепеки Мексика, дар корхонаи истеҳсоли маводи пиротехникӣ таркиш ба амал омад, ки ҳангоми воқеа 24 нафар ба ҳалокат расида, наздики 50 тани дигар маҷрӯҳ шуд.

▶ Дар шаҳри Лос-Анҷелеси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ду шахси силоҳбадаст ба як манзили истиқоматӣ ворид шуда, ба сӯи бошандагони он бо истифода аз силоҳ оташ кушодаанд, ки дар натиҷа 3 нафар ба ҳалокат расида, 3 тани дигар захм бардошт;

▶ Дар шаҳри Лоҳури Покистон бориши беисти борон обхезиро дар пай овард, ки бар асари офати табиӣ шаш нафар ба ҳалокат расид;

▶ Дар шаҳри Найробии Кения бар асари бархӯрди автобуси мусофирбар бо нақлиёти боракаш 10 нафар ба ҳалокат расида, 20 тани дигар ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошт;

▶ Дар шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон миёни кормандони мақомоти полис ва гурӯҳи силоҳбадасти номаълум мунокиша ба амал омад, ки бар асари даргирии тарафайн 6 нафар ба ҳалокат расида, 4 тани дигар захмӣ шуданд;

▶ Боришоти беисти борон дар музофоти Сичуани Ҷумҳурии Мардумии Чин боиси ба амал омадани обхезӣ ва фаромадани ярч гардид, ки бар асари ин ҳодисаҳои табиӣ 7 нафар фавтида, 7 тани дигар маҷрӯҳ шудааст;

▶ Дар қисми шимолу ғарбии Ҷумҳурии Исломии Покистон садамаи мудҳиши нақлиётӣ ба амал омад, ки бар асари ҳодиса 10 нафар ба ҳалокат расида, 4 тани дигар ҷароҳат бардошт.

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

Муассис:
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ
дар вилояти Хатлон

Масъули чоп:
Орзу ҲАМИДИЁН

Ҳайати мушовара:
Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДЗОДА,
Махфират ХИДИРЗОДА,
Абдулло РАҲМОНЗОДА

Ҳайати таҳририя:
Зебо БОЗОРОВА,
Аловдин АМИРЗОДА,
Ҳусейн САИДОВ

Тарроҳ:
Хусрав МАЗОРИЕВ

Дар нашрия ба хотири ҷандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Суроға:
735140, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92,
2-70-70



Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 11400 нусха*